**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ). – Душанбе, 2026. – 170 с.**

Даврони Истиқлоли миллии Тоҷикистон марҳилаи нави шинохти адабиёти тоҷик бо диду назари дигар ба шумор меравад, зеро як бахши муҳимми мероси гузаштагони мо, чун адабиёти ирфонӣ унвон гирифта буд, танҳо дар ҳамин даврон аз дидгоҳи зебоишиносӣ, арзишҳои ҳунариву бадеӣ ба риштаи таҳқиқ гирифта шуд. Маъруфтарин осори ирфонӣ, ки ҷанбаҳои фаровони адабиро соҳиб буда, барои рушди адабиёти ҷаҳон нақши муассир гузоштанд, маҳз дар ҳамин давра дар Тоҷикистон тасҳеҳу нашр шуданд, ки «Мантиқ-ут-тайр», «Илоҳинома» ва «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттори Нишопурӣ, «Табақот-ус-суфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Маснавии маънавӣ», «Маҷолиси сабъа», «Фиҳи мо фиҳи» ва «Мактубот»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, «Ҷоми Ҷам»-и Авҳадии Мароғаӣ, «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва амсоли ин аз ҷумлаи чунин осор ба шумор меравинд. Дар канори ин ки ин мероси бузурги маънавии миллати мо дар даврони Истиқлоли миллӣ ба нашр расид, таҳқиқи арзишҳои адабии онҳо бар мабнои равишҳои пешқадами адабпажуҳӣ, шинохти вижагиҳои ҳунарии таълифоти ирфонӣ самти муҳимми пажуҳишҳои адабиёшиносиро ба вуҷуд овард.

Баробари таълифоте, ки дар боло ном бурда шуд, як идда осори гаронбаҳои дигар низ дар саргаҳи рушди адабиёти форсу тоҷик қарор гирифтанд, ки ҳарчанд дар пажуҳишҳои куллии марбут ба масъалаҳои адабиётшиносӣ, ривоҷи назму наср, тамоюлҳои эҷодӣ дар адабиёти даврони мухталиф роҷеъ ба онҳо изҳори назар шудааст, вале то кунун ба сурати мустақил ва дар доираи як пажуҳиши ҷудогона таҳқиқу баррасӣ нагардидаанд. Яке аз чунин осори гаронмоя тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ мебошад, ки ҳарчанд дар Тоҷикистон ин асар ба чоп расидаву дар таҳқиқоти адабиётшиносоне чун Расул Ҳодизода, Маҳмадқул Ҳазратқулов, Носирҷон Салимӣ, Муътабар Оқилова, Фаррух Салимов, Меҳринисо Очилова ба бархе аз вижагиҳои мавзуиву бадеии ин асар ишорат шудааст, вале то кунун сабки таълиф, шеваи нигориш, арзишҳои адабии ин асари муҳим дар таърихи адабиёти тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» ба баррасии арзишҳои адабии ин асар, сохтору муҳтаво, шеваҳои корбурди истилоҳоти ирфонӣ, равишҳои истифодаи ҳикоёт дар



Сканировано с CamScanner

ин асар бахшида шудааст. Он гуна ки қаблан таъкид шуд, ҳарчанд то кунун мақолаҳои ҷудогона ва баррасиҳои муайяне дар доираи таҳқиқоти дигар роҷеъ ба ин асар ба қалам омадаанд, вале таҳқиқоти анҷомдодаи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло аввалин пажуҳиши мустақилонае дар адабиётшиносии муосири тоҷик ба шумор меравад, ки бо чунин вусъати комил ва густардагӣ зиндагинома, мероси адабӣ ва вижагиҳои тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайриро дар худ ғунҷоиш додааст. Бахусус, масъалаҳои марбут ба сабки таълифи асар, корбурди ҳикоёт дар таркиби он, истилоҳоти ирфонӣ ва нақши онҳо дар маърифати андешаҳои муаллиф, таъсири асари мазкур ба таълифоти баъдинаи адабиёти форсу тоҷик, таҳқиқи қиёсии мундариҷа ва шеваи иншои ин асар бо «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Алии Ҳуҷвирӣ дар ин таҳқиқот афзалият дарёфтаанд, ки дар умум, бо тамомияти куллии хеш аҳаммияти илмии диссертатсияро боло бурдаанд. Аз ин рӯ, диссертатсия бо риояи талаботи таълифи рисолаҳои илмӣ ба қалам омада, ба меъёрҳои иншои диссертатсияҳо аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он равшан мегардад, ки бо иншои он муҳаққиқ нахуст вазъи ташаккули адабиёти ирфонии форсу тоҷикро дар даврони зиндагонии Абулқосими Қушайрӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, аз ин роҳ нақшу мақоми муаллифи ин асарро дар густураи адабиёти форсу тоҷик ҳамчун нависандаву тарҷумон муқаррар сохтааст. Паҳлуи дигари пажуҳиш, ки аҳаммияти онро дучанд мегардонад, баррасии зиндагинома ва мероси бозмонда аз ӯ мебошад, ки дар баробари «Рисолаи қушайрия» бори аввал муаррифӣ шудаанд. Дар ин таҳқиқот тамоми арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия», сабкшиносии насри форсии асар, корбурди аносири бадеӣ, чун саноеи бадеӣ ва ҳикоёт, баррасии ҷойгоҳи истилоҳоти ирфонӣ дар такмили сабки иншо ва маърифати матолиб, нусхаҳои тарҷумаҳои китоб ва таъсири он ба раванди рушди адабиёти тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар заминаи ҷусторҳои хеш муаллифи диссертатсия муқаррар кардааст, ки ба қалами Қушайрӣ 25 асари фарогири масъалаҳои тасаввуфӣ тааллуқ дорад, ки дар ин диссертатсия бештари онҳо муаррифӣ шудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Бори нахуст дар ин диссертатсия ба таври мустақил масъалаҳои зиндагинома ва мероси Абулқосими Қушайрӣ, мавзуъ ва мундариҷаи муҳимтарин таълифоти вай, ҷойгоҳи ориф дар миёни ҳалқаҳои ирфонии асри зиндагонии ӯ, тарҷумаҳои форсии «Рисолаи қушайрия» ва арзишу аҳаммияти ҳар яке аз онҳо, таъсири ин асари арзишманд ба раванди таҳаввули насри ирфонии форсу тоҷик, ҷанбаҳои муҳимми адабии тарҷумаи форсӣ, шеваҳои корбурди ҳикоёт дар асар, саноеи бадеӣ ба баҳсу баррасии илмӣ кашида шудаанд. Навгонии дигари таҳқиқот дар он ба зуҳур мерасад, ки дар баробари арзишҳои адабии асар нақш ва таъсири «Рисолаи қушайрия» дар ташаккули насри ирфонии



Сканировано с CamScanner

форсу тоҷик ба таври алоҳида ба доираи пажуҳиш гирифта шуда, дар заминаи корбандии равиши таҳқиқи қиёсӣ муҳтаво, сохтор ва арзишҳои адабии он бо рисолаи «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Алии Ҳуҷвирӣ мавриди муқоиса ва муқобила қарор гирифтааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Диссертант дар ҷараёни иншои диссератсия аз консепсияњои илмӣ ва назариёти арзишманди адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ мувофиқ бар санҷаҳои таълифи рисолаҳои илмӣ ба кор гирифтааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадкиқоти илмӣ ба сурати пешниҳоди мустанаду мудаллал, аниқу дақиқи маълумот, мутобиқати ҳаҷми куллии маводди диссертатсия бо коркарди натиҷаҳои пажуҳиш, шумора ва ҳаҷми куллии интишорот ва интихоби саҳеҳи методологияи таҳқиқот муқаррару муайян шудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Ба сурати куллӣ метавон изҳор дошт, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 170 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, равишҳои таҳқиқ муқаррар ва мушаххас карда шуда, нуктаҳои меҳварии барои дифоъ пешниҳодшаванда, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокӣ ва саҳми шахсии муаллиф дар анҷоми чунин таҳқиқоти арзишманд шарҳу баён ёфтаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Ҷойгоҳи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия»-и дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ»** ном дошта, меҳварҳои аслии таҳқиқот дар се фасл баррасӣ шудаанд. Бо ҳадафи таъйини дақиқи ҷойгоҳи худи муаллифи асар ва китоби арзишманди ӯ муҳаққиқ нахуст ба баррасии нақш ва мақоми тасаввуф ва мактабҳои ирфонӣ дар даврони зиндагонии Абулқосими Қушайрӣ пардохтааст. Бино бар таҳқиқи анҷомёфта, агарчи тасаввуф дар қарни нуҳуми милодӣ арзи ҳастӣ намуд, вале дар қуруни баъдӣ ба мушоҳида мерасад, ки ба сурати тариқату гурӯҳҳои ҷамъиятӣ рӯ ба рушд овард. Муаллиф дар ҷараёни ин баҳси муҳимми таҳқиқи хеш муқаррар мекунад, ки бо сабаби дар поёни аҳди Сомониён ба дунё омадани Абулқосими Қушайрӣ масъалаи ривоҷи тасаввуф ва ҷараёнҳои он, инчунин намояндагони барҷастаи ирфон дар ду қарн – X ва XI баррасӣ шудааст. Бар ин асос, бо таҳлилу баррасии ҷойгоҳи намояндагони ҷараёнҳои тасаввуф, чун Ҷунайди Бағдодӣ, Абдураҳмони Сулламӣ, Иброҳими Калободӣ, Абулқосими Насрободӣ ва дигарон нақшу мақоми Абулқосими Қушайриро ба таври барҷаста дар рушду таҳаввули тасаввуф ва ҷараёнҳои он муқаррар кардааст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар ин баҳс дар он зуҳур меёбад, ки муҳаққиқ дар баробари ривоҷи тасаввуф дар қаламрави Эрон ба ташаккули он дар марзҳои Варорӯд, аз ҷумла Самарқанду Бухорову Тирмиз низ таваҷҷуҳ намуда, Ҳаким Тирмизиро чун яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти ирфонӣ муаррифӣ намудааст.



Сканировано с CamScanner

Шарҳи ҳоли Абулқосими Қушайрӣ низ бар асоси манобеи дасти аввали арабиву форсӣ дар фасли алоҳидаи боби аввали диссертатсия ба сурати муфассал баён шудааст. Мутолеаи амиқи ин баррасиҳо равшан мекунанд, ки бори аввал, маҳз дар ҳамин диссертатсия зиндагиномаи ин нависандаи номвари адабиёти ирфонӣ сурати комил пайдо намудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ диссертант номи пурраи адибро мутобиқ бар кутуби марҷаъ муқаррар намуда, шахсиятҳои хонаводаи вай, аз ҷумла падару модарашро низ бо такя бар сарчашмаҳои муътамад дақиқ ва роҷеъ ба онҳо иттилои зарурӣ манзур кардааст. Замон ва шеваи таҳсил дар Нишопур ва тамоми 18 нафар устодони Абулқосими Қушайрӣ низ муайяну муқаррар ва роҷеъ ба ин бахши муҳимми ҳаёти вай матолиби муҳим дар диссертатсия оварда шудааст.

Баробари зикри матолиби мустанад дар бораи нуктаҳои аслии марбут ба зиндагиномаи Абулқосими Қушайрӣ, бавижа шеваҳои касби маърифат, пайванд ба аҳли ирфон, роҳу тариқату ӯ, аёл ва фарзандонаш диссертант баррасиҳои қобили мулоҳизае роҷеъ ба мероси бозмонда аз ин нависандаи ориф манзур намудааст. Дар канори зикри унвони 25 таълифи мутааллиқ ба каламӣ вай роҷеъ ба чанд асари муҳиммаш, аз ҷумла «Наҳв-ул-қулуб», «Латоиф-ул-ишорот» ва «Тартиб-ул-сулук» маълумоти бештар дода, аз ин роҳ бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик онҳоро дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ кардааст. Сохтор ва мундариҷаи «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ низ дар идомаи баррасиҳои дар боби аввал анҷомёфта таҳқиқ шудааст. Баррасиҳои манзургардида дар заминаи муҳтаво ва мундариҷаи китоб муқаррар намудааст, ки «Рисолаи қушайрия» аз 2 фасли 54 боб таркиб ёфтааст. Дар ин қисмати пажуҳиши муаллиф вижагиҳои муҳим ва аслии бобу фаслҳои китоб шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, ки дар умум, мундариҷаи асарро мушаххас намудаанд.

Боби дувуми диссертатсия **«Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»** ном дошта, аслӣ матолиб дар ду фасл баррасӣ шудаанд. Таҳқиқ диссертант муқаррар кардааст, ки тарҷумаи аввалини форсии рисолаи мазкур дар замони зиндагонии муаллиф аз ҷониби шогирди ӯ Абуалии Усмонӣ сурат гирифтааст. Пайванд ба замони зиндагии ӯ доштани ин тарҷума метавонад, аз он ҷиҳат қобили аҳаммият бошад, ки матолиби меҳварӣ имкон дорад наздик ба асл тарҷума гардида. Ҳамин тавр, ҷусторҳои муаллифи диссертатсия ин нуктаро ҳам дақиқ кардаанд, ки дар умум, ду тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» ва як шарҳи форсии он то замони мо омада расидаанд. Ҳарчанд бар матни арабии он шарҳҳо зиёданд, вале ин ягона шарҳи форсии он чун намунаи барҷастаи шарҳи форсии осори ирфонӣ аз арзиш ва аҳаммияте бархурдор аст, ки роҷеъ ба онҳо дар ин қисмати диссертатсия андешаҳои судманд баён шудаанд.

Дар канори ин, таҳқиқот собит сохтааст, ки роҷеъ ба муаллифи тарҷумаи дувуми форсии «Рисолаи қушайрия» баҳсу баррасиҳои фаровоне ҷой доранд ва то кунун назари ягона дар ин маврид ҷой надорад. Ба



Сканировано с CamScanner

таъбири дигар, исми дақиқи муаллифи он мушаххас нест. Шарҳи ягонаи форсӣ бошад, ба қалами яке аз намояндагони адаби ирфони қарни XV Сайид Муҳаммади Гесудароз тааллуқ дорад. Муҳаққиқ дар ҷараёни баррасии вежагиҳои ин шарҳ хеле бамаврид хулосабарорӣ кардааст, ки ин китоб дар баробари тавзеҳи матолиб ва андешаҳои Қушайрӣ афкору назариёти ӯро нақду баррасӣ ҳам кардааст. Ӯ «Дар маҷмуъ, нақдҳои Гесӯдарозро метавон ба чаҳор даста тақсим намудааст: 1. Нақди суханони Қушайрӣ; 2. Нақди сухани машоихи дигар; 3. Нақди ҳикоёт; 4. Таъйид ва таҳсини сухани машоих» (Дисс. 65) Баррасии нусхаҳои хаттии боқимонда аз тарҷумаҳои форсии «Рисолаи қушайрия» низ арзишу аҳаммияти диссертатсияро дар муаррифӣ, нусхапажуҳии асари мазкур муқаррар мекунанд.

Як арзиши муҳимми дигари ин бахши диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф се нашри эронии тарҷумаи форсии рисоларо ҳамроҳ бо як нашри дар Тоҷикистон суратгирифтаи он нақду баррасӣ карда, андешаҳои судманде дар ин маврид баён кардааст, ки ҳамагӣ қобили аҳаммият мебошанд.

Боби савуми диссертатсия **«Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»** ном дошта, аз чор фасл таркиб ёфтааст. Ин бобро метавон бахши аслии баррасиҳои илмии муаллифи он унвон намуд, зеро таҳқиқи анҷомёфта арзишҳои адабии асарро ба таври шоиста муқаррар месозанд. Дар навбати аввал, диссертант барои муқаррар намудани сабки таълиф ва вижагиҳои забонии асар ба манзараи куллии забони адабиёти поёни қарни X ва ибтидои асри XI руҷуъ намуда, бар ин натиҷа мерасад, ки ҳарчанд дар ин аҳд бо сабаби асосан, дар забони арабӣ навишта шудани осори ирфонӣ ва баъдан, тарҷума шудани онҳо ба форсӣ нуфузи муарработ дар забони осори мансур ба мушоҳида мерасад, вале ҳамон равониву содагии насри асри X низ баробар ба ин шеваи нигориш идома ёфтааст. Аз дидгоҳи табақабандии анвои наср, ки донишмандон анҷом додаанд, дар заминаи таҳқиқ муаллиф насри ин китобро мурсал унвон намуда, идомаи салосати равонии сабки хуросониро низ таъкид ва бо мисолҳо ба субут расонидааст.

Унсури шарҳ дар ин асар дар заминаи тафсири истилоҳоти ирфонӣ ба ҷилва омадааст, ки онро муҳаққиқ ба сурати алоҳида мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертант дуруст муқаррар кардааст, ки як қисмати алоҳидаи китоб, яъне боби савуми онро шарҳи истилоҳоти ирфонӣ ба вуҷуд овардааст. Ба таҳқиқи ӯ, ин ҷо шарҳи 27 истилоҳи ирфонӣ ҷой дорад, ки онро метавон ба унвони як рисолаи алоҳидаи шарҳи мусталаҳоти урафо ҳам муаррифӣ намуд. Дар баробари ин, агарчи минбаъд дар қаламрави адабиёти ирфонии форсу тоҷик силсилаи чунин фарҳангномаҳо ба вуҷуд омадаанд, бегумон онро сарғози чунин осор муқаррар намудани муаллифи диссертатсия низ мувофиқ мақсад мебошад.

Усулҳои корбурди ҳикоят, ки дар ин бахши диссертатсия ба сурати алоҳида баррасӣ шуданд, бегумон дар таъйини арзишҳои адабии асар



Сканировано с CamScanner

хеле муҳим ба назар мерасанд. Мусаллам аст, ки вуҷуди ин ҳикоёт ҷанбаи бадеии асарро таквият додааст ва бегумон, таҳқиқи сохториву муҳтавоии ин ҳикоятро муқаррар карда, ки онҳо ба афзудани қимати бадеии сабки таълифи асар корсоз омадаанд.

Як баҳси муҳим дар ин таҳқиқот баррасии қиёсии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» бо «Кашф-ул маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ мебошад. Бар асоси ин пажуҳиш муҳаққиқ дақиқ намудааст, ки тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» барои таҳаввули сабки иншо ва мундариҷаи намунаҳои насри ирфонии баъд аз худ таъсире матлуб гузоштааст. Муҳаққиқ бо далелҳои қатъӣ собит намудааст, ки барои хеле аз матолиб ва ҳикоёти осори манзум ва мансури ирфонӣ «Рисолаи қушайрия» нақши сарчашмавӣ дорад, чун суханварону нависандагони баъдӣ бархе аз ҳикоёт ва назариёти муаллифи ин китобро айнан, нақл кардаанд.

Дар хулосаи диссертатсия, ки аз 14 банди назарӣ ва 6 тавсияи амалӣ таркиб ёфааст, натиҷаҳои аслии аз баррасиҳои илмии мавзуъ ба даст омада, шарҳу тафсир ёфтаанд. **Хулоса ва тавсияњои диссертатсия** натиҷаи ҷустор ва таҳлилҳои муфассал ва мавриди санҷиш қарор гирифтани мақсад ва вазифаҳои назарӣ ва нуктаҳои меҳварии барои дифоъманзуршаванда ба шумор рафта, мутобиқи онҳо дурнамои таҳқиқи муҳимтарин муаммо ва масъалаҳои шинохту маърифати бадеиву арзишҳои адабии адабиёти ирфонии форсу тоҷик дар мисоли тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ мушаххас ва муқаррар гардидааст.

Ба таври куллӣ, ин хулосаҳо дастовардҳои илмии диссертантро аз таҳқиқи матолиби меҳварии диссертатсия муқаррар месозанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мешавад**, ки муҳтавои диссертатсия ва масъалаҳои дар он мавриди таҳқиқ қарор гирифта, барои пажуҳиши куллии адабиёти тоҷик, хосса ҷанбаҳои адабиву бадеии насри ирфонии форсу тоҷик, мавзуъ ва мундариҷа, сабшиносӣ, корбурди санъатҳои бадеӣ ва дар умум, арзишҳои адабии насри ирфонӣ, таъсири асари мавриди таҳқиқ ба ташаккули насри ирфонии форсу тоҷик ба муҳаққиқони адабиёти ирфонии форсу тоҷик адабиётшиносон, унвонҷӯён, магистрантону донишҷӯён барои анҷоми таҳқиқоти муҳим, пажуҳиши ҷанбаҳои мухталифи мавзуиву ҳунарии намунаҳои адабиёти ирфонии форсу тоҷик раҳнамоӣ хоҳанд намуд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Диссертант аз рӯйи мавзуи илмии хеш дар умум 8 мақола чоп намудааст, ки аз онҳо 5 ададашон дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Љумњурии Тољикистон интишор ёфтаанд. **Маводди нашрнамудаи диссертант** меҳварҳои асосӣ, натиҷаҳои зарурӣ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро шарҳу баён намуда, дар



Сканировано с CamScanner

якҷоягӣ бо маърузаҳои илмии ироанамудааш дар конфронсҳои мухталифи сатҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ саҳми шахсиашро дар баррасии масъалаҳои меҳварии таҳқиқот муқаррар месозанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Ҳамин тавр, диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» таҳқиқоти тоза дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад, ки дар заминаи таҳқиқи арзишҳои адабиву бадеии як асари муҳимми ирфонӣ ба қалам омадааст. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиќ таҳия шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар канори ин дастовардҳои муҳимми илмӣ дар диссертатсия бархе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кори муаллиф хоҳанд буд:

1. Қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ дар муқаддима боз ҳам такмил мехоҳад, зеро тамоми пажуҳишҳои дар ин замина анҷомёфта фаро гирифта нашудаанд.
2. Дар муқаддима унвони китоби адабиётшинос Бахром Мирсаидов чунин рафтааст: «Поэтикаи насри ирфонии достонҳои рамзии манзум ва мансур». Ин унвон ғалат буда, шакли саҳеҳи номи таҳқиқоти ӯ «Тимсоли бадеии парандагон дар назми ирфонии асрҳои миёна (XI-XII) мебошад.
3. Боби дувуми диссертатсия «Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия» ном гирифтааст, вале дар фасли дувуми он нашрҳои асар накду баррасӣ шудаанд. Ба андешаи мо, агар ин боб «Баррасии тарҷумаҳо, шарҳи форсӣ-тоҷикӣ ва накду баррасии нашрҳои «Рисолаи кушайрия» унвон мегирифт, ба мақсад мувофиқ буд.
4. Бо сабаби он ки аз ин асар як шарҳ боқӣ мондааст, дар фасли алоҳида дар ҳамин боб баррасӣ намудани он арзиши рисоларо меафзуд.
5. Дар боби савуми диссертатсия ба масъалаи истифодаи воситаҳои тасвирии бадеӣ руҷуъ намудани муаллиф қимати илмии диссертатсияро боз ҳам меафзуд.
6. Байти зерини Ҳофиз ба сурати ғалат истифода шудааст:

Субҳ хезиву саломат талабӣ чун Ҳофиз,
Ҳар чи кардам, ҳама аз давлати Қуръон кардам (с. 52).

Шакли дурусташ чунин аст:

Субҳхезиву саломатталабӣ чун Ҳофиз,

7. Дар диссертатсия ва автореферати он баъзе ғалатҳои имлоиву



Сканировано с CamScanner

услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф аст.

Ин қайду эродот бештар ҷанбаи пешниҳодӣ доранд ва ҳаргиз арзишу аһаммияти илмии диссертатсияро поин нахоҳанд бурд.

Ба таври куллӣ, метавон изҳор дошт, ки Диссерттатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои филологӣ, профессор,
директори Институти илмӣ-тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносии
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Нурзод Нуралӣ Нор

«17»-уми августи соли 2026

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, Хуррамшаҳр 38.
Тел: (+992)928763797
Е-майл: nurali74@mail.ru

Имзои Нурзод Нуралӣ Норро тасдиқ мекунам.
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Сайдуллозода Заррина Сайдулло

«17»-уми августи соли 2026

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;
E-mail: rector@hgu.tj Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj



Сканировано с CamScanner